**ПРОТОКОЛИ № 37**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-062**

**аз « 05 » июни соли 2026** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 9 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҷурии Тоҷикистон аз 25апрели соли 2025, № 168/шд тасдиқгардида 9 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 8 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравацд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд, Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.и., профессор Ашуров И.С. ва аъзои комиссия д.и.и., профессор Амонова Д.С., д.и.и., профессор Раҳматзода Ҳ.Б. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)” ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:
- **Каримова Мавзуна Темуровна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Институти иқтисодӣ ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Шодибеки Сафар –** муовини директори ичроия оид ба таълими филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар ш. Душанбе, н.и.и., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фанҳои дақиқ.
3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** таъин гардад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда ичозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя 18 сентябри соли 2026, соати 12:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 9 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҷабова И.Р.

*Дурустии имзоҳои С.Ҷ. Комилов ва И.Р. Раҷабова -ро тасдиқ менамоям:*

*Сардори ШК ДСРТ* *Исмаилова М.Н.*

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ